**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати дисертатсияи Амонова Дилором Абдуваҳидовна дар мавзӯи "Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Маълум аст, ки иқтисоди бозорӣ бе низоми молиявии хуб ташкилшуда ва бозори молиявии танзимшаванда бомуваффақият ва устувор рушд карда наметавонад. Низоми молиявӣ ва бозори молиявӣ дар заминаи иқтисоди бозорӣ, ки бавуҷудорандаи неъматҳои моддӣ ва маънавӣ мебошад, амал менамоянд. Онҳо дар айни замон шарти фаъолияти худи иқтисоди бозориро муайян менамоянд. Бинобар ин дар иқтисоди бозори идоракунии молиявӣ аҳамияти ниҳоят муҳимро мебозад. Аз ин рӯ барои рушди идоракунии молияи давлатӣ такмили онро зарур мешуморем.

Муҳаққиқ бар он назар аст, ки идоракунии молияи давлатӣ низоми мураккаби амалигардонии сиёсати иқтисодию молиявӣ ва маҷмӯи усулҳои идоракунии муосир мебошад, ки бо истифода аз воситаҳои банақшагирию дурнамосозӣ, таъсиррасонӣ, назорат, ташкил ва таъминоти иттилоотӣ, ҳамзамон ташаккул, захира ва тақсимоти захираҳои молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳо ҷиҳати ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, мувозинати он, суботи молиявӣ ва ё дар маҷмуъ ҳадафҳои муайяни стратегӣ ва тактикии кишвар равона гардидаанд".

Диссертант дар саҳифаи дар саҳифаи 11 расми 1 низоми идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро таҳия карда, ки онро ба субъекти идоракунӣ, воситаҳои таъсиррасон, обеъкти идоракунӣ, натиҷаи ниҳои ҷудо намудааст.

Муаллиф дар автореферат таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ гузаронида шуда, муайян гардид, ки дар раванди ташаккули буҷет дар Тоҷикистонислоҳоти низоми он гузаронида шудааст, ки ба устуворӣ ва муносиб гардонидани сохтори он равона карда шудааст. Дар диссертатсия давраҳои 2010-2021 ҳамчун давраи таҳқиқ интихоб шуда, динамикаи хароҷот ва даромади буҷети давлатӣ, сохтори он ва дигар нишондиҳандаҳои он мавриди таҳлил қарор гирифта шудааст. Муайян гардид, ки дар ин давра ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ 4,3 маротиба афзоиш ёфта, ба 30 миллиард сомонӣ баробар шуд (Саҳ.14).

Омӯзиши автореферат нишон медиҳад, ки дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас нишон дода шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии молияи давлатӣ баррасӣ карда шудааст. Инчунин дар автореферат таҳлили низоми идоракунии молияи давлатӣ ва дигаргунисозиҳои он дар даҳсолаи охир» нақш ва мақоми буҷети давлатӣ дар низоми идоракунии молияи

давлатӣ ошкор гардида, таҳлили идоракунии андозҳои давлатӣ ва такмили онҳо ва инчунин таҳлили идоракунии муносибатҳои байни буҷетӣ ва зарурати мукаммалгардонии он дида баромада шудаанд. Ба муаллиф муяссар гаштааст, ки як қатор тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок таҳия ва пешниҳод намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи муаллиф корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст, ки онҳоро аз нуктаи назари илмӣ ва амалӣ бо мақсади мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасад.

1. Дар автореферат таҳлилҳои зиёде анҷом дода шудааст, аммо натиҷаҳои он дар хулоса ва тавсияҳои илмии автореферат нишон дода нашудааст;
2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Умуман, камбудиҳои ошкоргардида ба муҳтавои кори иҷрошуда таъсири манфӣ намерасонад. Аз автореферат бармеояд, ки кори диссертатсионӣ кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷом расонидашуда ҳисобида мешавад, ки аз тарафи муаллиф мустақилона дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Аз ин рӯ, кори илмии пешниҳоднамудаи Амонова Дилором Абдуваҳидовна дар мавзуи «Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Имзои, номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарз Комилов Н.Б.-ро**
**тасдиқ менамоям.**

**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**

**Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 918-57-92-90**
**E-mail : nizomiddin.komilov@mail.ru**
**«26» 08 2023**